**Суратҷаласаи № 1**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА – 024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

13 01 соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд**: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафараш докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822–1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. – таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор)

1. Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси гурӯҳи комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ, д.и.т., профессор Турсунов Т.Х. баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ заммима мегардад).

**Қарор карда шуд**:

1. Диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (1822–1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. – таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

Сафолзода Муҳаммадӣ Қурбон - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Масква ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

Исмоилова Машҳура Буҳоватдиновна – номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таъин карда шавад.

4. Барои нашри автореферат, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани эълон ва автореферат дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 18-уми марти соли 2026 таъин карда шавад.

6. Барои чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ д.и.т.** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ н.и.т.** **Умаров А.Қ.**